**«ТАСДИҚ КАРДА ШУД»**
Бо Қарори Анҷумани Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-19 сентябри 2015 с.

# КОДЕКСИ ОДОБИ КАСБИИ АДВОКАТ

**Муқаддима**

Адвокатҳои Иттифоқи адвокатҳо, дар асоси талаботҳои пешбинишуда бо мақсади нигоҳ доштани шаъну шарафи касбӣ, инкишоф додани он, ҷавобгарии ахлоқиро дар назди ҷамъият ҳис намуда, Кодекси одоби касбии адвокатии мазкурро қабул менамоянд.

Мавҷудият ва фаъолияти иттиҳодияи адвокатҳо бе риоя намудани интизоми иттиҳодиявӣ ва одоби касбӣ, ғамхории адвокатҳо оиди шаъну шараф ва қадру қиммати худ, ҳамчунин доир ба нуфузи адвокатура, ғайриимкон аст.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мақсади кодекс

Кодекси одоби касбии адвокат барои ҳар як адвокат қоидаҳои ҳатмии рафторро зимни амалӣ намудани фаъолияти адвокатӣ, ки ба меъёрҳои ахлоқӣ ва урфу одати адвокатура, стандартҳои байналхалқӣ ва ҳамчунин ба қоидаҳои касбии адвокатӣ асос ёфтаанд, муқаррар менамояд.

### Моддаи 2. Доираи татбиқи кодекс

1. Кодекси мазкур қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар бораи адвокатураро пурра менамояд.
2. Ягон аз муқаррароти Кодекси мазкур набояд ҳамчун амр ё ин ки раво донистани кирдоре, ки хилофи талаботҳои Қонун дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ мебошад, маънидод карда шавад.

### Моддаи 3. Амали кодекс

1. Амали Кодекси мазкур нисбат ба адвокатҳо паҳн мегардад.
2. Адвокатҳо, роҳбарони ташкилотҳои адвокатӣ (сохторҳо) ӯҳдадоранд, ёрдамчиёни адвокат, коромӯз адвокат ва дигар кормандонро бо Кодекси мазкур шинос намуда, аз ҷониби онҳо риоя гардидани меъёрҳои онро дар қисмати интизом ва ӯҳдадориҳои меҳнатӣ таъмин намояд.

### Моддаи 4.Татбиқи кодекс

1. Адвокатҳо дар ҳамаи ҳолат бояд шаъну шараф ва қадру қиммате, ки ба касби онҳо марбут аст, нигоҳ доранд.
2. Адвокат дар фаъолияти касбии худ бояд эҳтиромро нисбат ба касби адвокатӣ, моҳияти он ва таъиноти ҷамъиятиро тасдиқ намуда, ҷиҳати нигоҳ доштан ва баланд бардоштани

нуфузи он мусоидат намояд.

3. Зарурияти риоя намудани қоидаҳои одоби касбии

адвокат аз лаҳзаи ба даст овардани статуси адвокатӣ оғоз меёбад.

4. Дар он ҳолатҳое, ки масъалаҳои одоби касбии адвокат бо қонун “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ё ин ки Кодекси мазкур ба танзим даровarда нашуда бошад, адвокатро зарур аст, урфу одат ва анъанаҳои дар адвокатура ҷойдоштаро, ки мӯҳтавои онҳо ба ақидаҳои умумӣ ва принципҳои ахлоқӣ дар ҷамъият мувофиқ аст, ба роҳбарӣ гирад.
5. Дар сурате, ки адвокат боварӣ надошта бошад, ки дар ҳолати душвории ахлоқӣ чӣ гуна амал намояд, ӯ ҳуқуқ дорад ба комиссияи дахлдор барои тафсилоти хаттӣ муроҷиат намояд, ки дар ин хусус наметавонанд ба ӯ рад намоянд.

## БОБИ 2. ПРИНСИПҲОИ ФАЪОЛИЯТИ КАСБӢ

### Моддаи 5. Мустақилият

1. Касби адвокатӣ, касби озод буда, ба волоияти қонун, боварӣ ва мустақилият асос ёфтааст.
2. Дар фаъолияти касбии худ адвокат ба куллӣ мустақил аст.

Адвокат ӯҳдадориро ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои ваколатдиҳанда озодона ва мустақилона, арзанда ва боодобона, содиқона ва мӯътақидан, поквиҷдонона ва маҳрамона, бе ягон таъсир ба ӯ, ки дар навбати аввал алоқаманд аст бо манфиатдории ӯ ё ин ки бо фишор аз берун, иҷро менамояд.

3. Адвокатро зарур аст, ки аз поймол шудани мустақилияти худ ва принсипҳои қарзи касбӣ ба хотири манфиати ваколатдиҳанда, суд ва дигар ашхос, худро канора гирад.

### Моддаи 6. Боварӣ ва сирри касбӣ

1. Мустақилияти касбии адвокат шарти зарурии боварӣ нисбат ба ӯ мебошад.
2. Адвокат вазифадор аст аз амалҳое, ки ба нукс расонидани боварӣ равона шудаанд, дурӣ ҷӯяд.
3. Суистифода аз боварӣ ба номи адвокат мувофиқ нест.
4. Боварӣ нисбат ба адвокат ҷой дошта наметавонад, бе боварӣ ҳосил намудан дар нигоҳ доштани сирри касбӣ.
5. Адвокат ӯҳдадор аст сирри касбиро нигоҳ дорад ва метавонад аз ин ӯҳдадорӣ танҳо аз ҷониби ваколатдиҳанда озод карда шавад. Нигоҳ доштани сирри касбӣ бо вақт маҳдуд карда намешавад.
6. Бе розигии ваколатдиҳанда адвокат ҳуқуқ дорад маълумоти аз ҷониби ӯ расидаро дар ҳаҷме, ки адвокат оқилона зарур мешуморад барои асосноккунии мавқеи худ зимни баррасии парвандаи шаҳрвандӣ ё ин, ки барои ҳимояи худ дар сурати ба муқобили ӯ оғоз шудани истеҳсолоти интизомӣ ва ё парвандаи ҷиноятӣ истифода барад.
7. Қоидаи нигоҳ доштани сирри касбӣ паҳн мешавад ба:
   - далели муроҷиат ба адвокат, ҳамчунин ном номгуи ваколатдиҳанда;

- ҳамаи далелҳо ва ҳуҷҷатҳои аз ҷониби адвокат дар рафти тайёрӣ ба парванда ҷамъ оварда;
- маълумоте, ки адвокат аз ваколатдиҳанда ба даст овардааст;
- маълумот нисбат ба ваколатдиҳанда, ки ба адвокат дар ҷараёни расонидани ёрии ҳуқуқӣ маълум гардидааст;
- мӯҳтавои маслиҳатҳои ҳуқуқӣ, ки бевосита ба ваколатдиҳанда ва ё шахси таъиннамудаи ӯ пешниҳод шудааст;
- тамоми истеҳсолоти адвокатӣ бо парванда;
- шартҳои созишнома доир ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ, ҳамчунин ҳисоббаробаркунии пулӣ миёни адвокат ва ваколатдиҳанда;
- дилхоҳ маълумоте, ки ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби адвокат алоқаманд аст.

8. Адвокат ҳуқуқ надорад доир ба ҳолатҳое, ки ба ӯ дар натиҷаи иҷро намудани ӯҳдадории касбӣ маълум гардидааст, ба сифати шоҳид нишондод диҳад.
9. Адвокат ҳуқуқ надорад ба касе, ки набошад ҳуқуқи талаби пулиро, ки тибқи созишнома миёни ӯ ва ваколатдиҳанда баста шудааст, гузашт намояд.
10. Адвокатҳое, ки фаъолияти касбиро якҷоя дар асоси шартномаи шарикӣ амалӣ менамоянд, зимни расонидани ёрии ҳуқуқӣ ӯҳдадоранд қоидаи фаро гирифтани сирри касбиро ба ҳама шарикон ба роҳбарӣ гиранд.
11. Бо мақсади нигоҳ доштани сирри касбӣ адвокат вазифадор аст алоҳида аз маводҳо ва ҳуҷҷатҳое, ки ба ваколатдиҳанда тааллуқ доранд, истеҳсолот пеш барад. Маводҳое, ки ба таркиби истеҳсолоти адвокатӣ бо парванда ворид мешаванд, ҳамчунин мукотибаи адвокат бо ваколатдиҳанда, бояд ба таври возеҳ ва якмаъно чи тавре, ки ба адвокат тааллуқ дорад ё ин ки аз ӯ бар меояд, нишон дода шавад.
12. Қоидаҳои нигоҳ доштани сирри касбӣ ба ёрдамчиёни адвокат, коромӯз адвокат ва дигар кормандони ташкилоти адвокатӣ паҳн мегардад.

**Моддаи 7. Намудҳои фаъолияти нораво**

1. Бинобар сабабе, ки адвокат яке аз иштирокчиёни истеҳсолоти судӣ мебошад ва бо мақсади таъмин

   намудани мустақилияти адвокат, баъзе намудҳои фаъолият номувофиқ ба мақоми адвокатӣ дониста мешаванд.
2. Адвокат ҳуқуқ дорад фаъолияти адвокатиро бо кор ба сифати роҳбарӣ ташкилоти адвокатӣ, дар вазифаҳои интихобӣ ва дар мақомотҳои иҷроияи Иттифоқи адвокатҳо, дар якҷоягӣ амалӣ намояд.

Аз ҷониби адвокат иҷро намудани ваколатҳое, ки ба ӯ бинобар интихоб шудан ба вазифа дар мақомотҳои Иттифоқи адвокатҳо гузошта шудааст, ҳамчунин аз ҷониби адвокат иҷро намудан ваколати роҳбарӣ ташкилоти адвокатӣ (сохтор) ӯҳдадории касбии ӯ мебошад.

Зимнан подошпулие, ки ба адвокат барои кор дар мақомотҳои иҷроияи Иттифоқи адвокатхо бинобар иҷро намудани ваколатҳои нишондодашуда пардохт карда мешавад, хусусияти пардохти ҷубронро дошта, аз тарафи Иттифоқи адвокатҳо, бинобар ғайриимкон шудани дар ҳаҷми пурра амалӣ намудани фаъолияти адвокатӣ пардохта мешавад.

3. Иҷро намудани ӯҳдадории касбӣ аз рӯи супориши гирифташуда, барои адвокат бояд

нисбат ба дигар фаъолият бартарӣ дошта бошад.

4. Аз ҷониби адвокат амалӣ намудани дигар фаъолият, набояд шаъну шарафи адвокатро бадном намуда ё ин, ки ба нуфузи адвокатура зарар расонад.

**Моддаи 8. Худэълонкунӣ (Рекламаи шахсӣ)**

1. Маълумот дар бораи адвокат ва ташкилоти адвокатӣ равост, агар маълумоти зеринро надошта бошад:
   - даъвати дигар ашхос оиди кори адвокат;
   - муқоиса бо дигар адвокатҳо ва танқиди дигар адвокатҳо;
   - арз, киноя ва думаъногӣ, ки метавонад ваколатдиҳандаи эҳтимолиро ба гумроҳӣ андозад ё ин, ки дар онҳо умеди беасосро пайдо намояд.
2. Агар ба адвокат (ташкилоти адвокатӣ) дар хусуси паҳн шудани реклама оиди фаъолияти ӯ маълум шавад, ки ба талаботҳои мазкур ҷавобгӯ нестанд, ӯҳдадор аст дар ин бора ба мақомоти идоракунандаи адвокатура хабар диҳад.

## БОБИ 3. МУНОСИБАТ БО ВАКОЛАТДИҲАНДА

**Моддаи 9. Манфиати ваколатдиҳанда**

1. Муқаррароти Қонуни ҶТ. “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ” ва қоидаҳои одоби касбиро ба роҳбарӣ гирифта, адвокат ҳама вақт бояд ба манфиати ваколатдиҳанда амал намояд.
2. Дар касби адвокатӣ қонун болотар аст аз хоҳиши ваколатдиҳанда. Ягон аз дархост, хоҳиш ва ё дастури ваколатдиҳанда, ки ба иҷро накардани қонун ё ин, ки вайрон кардани қоидаҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур равона шудаанд, аз ҷониби адвокат иҷро карда намешавад.

**Моддаи 10. Қабул намудани супориш ва ба иҷро расонидани он**

1. Адвокат барои пешбурди парванда супоришро дар он ҳолате низ қабул менамояд, ки агар дар ӯ шубҳаи хусусияти ҳуқуқӣ дошта мавҷуд бошад, ки имконияти оқилона ва поквиҷдонона дастгирӣ ва нигоҳ доштани манфиати ваколатдиҳандаро истисно наменамояд.
2. Пешгирии баҳсҳои судӣ қисми таркибии расонидани ёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби адвокат мебошад, аз ин рӯ адвокат бояд барои бартараф намудани ҳамаи ҳолатҳое, ки монеаи бастани созиши оштӣ мебошанд, кӯшиш намояд.

3. Зимни амалӣ намудани фаъолияти касбӣ адвокат:
   - содиқона, оқилона, поквиҷдонона, боихтисос, муътақидан ва сари вақт ӯҳдадориҳои худро иҷро намуда, фаъолона ҳуқуқ, озодӣ ва манфиати ваколатдиҳандаро бо тамоми восита ва усулҳое, ки бо қонунгузорӣ манъ нашудааст ҳимоя намуда, санадҳои меъёри ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.
   - ҳуқуқ, шаъну шараф ва қадру қиммати ашхосе, ки ба ӯ барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ

мурочиат намудаанд, ваколатдиҳандаҳо, ҳамкорон ва дигар ашхосро эҳтиром намуда, тарзи рафтор ва услуби либоспӯширо, ки ба муносибати корӣ мувофиқ аст, риоя намояд.

4. Ҳангоми бекор шудани супориш, адвокат ӯҳдадор аст, фавран ба ваколатдиҳанда ҳамаи ҳуҷҷатҳои аслии вобаста ба парванда ва ваколатномаи аз охирин гирифтаро бар гардонад.
5. Дар вақти иҷро намудани супориш, адвокат эҳтимолияти саҳеҳии ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳоеро, ки ваколатдиҳанда пешниҳод намудааст, ба асос гирифта, санҷиши иловагии онҳоро намегузаронад.
6. Ӯҳдадории адвокат, ки бо Қонуни ҶТ. «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ” зимни расонидани ёрии ҳуқуқии бемузд муайян шудааст, дар ҳолатҳои, пешбининамудаи ҳамин қонун ё ин, ки аз рӯи таъиноти мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокурор ё суд иштирок менамоянд аз ӯҳдадории зимни расонидани ёрии ҳуқуқии бо подош (гонорар) расонидашаванда, тафовуте надорад.
7. Агар баъд аз гирифтани супориш, ғайр аз супориш барои ҳимоя бо парвандаи ҷиноятӣ дар тафтишоти пешакӣ ва дар суди марҳиллаи аввал, ҳолате маълум шавад, ки адвокат ҳуқуқ надошт чунин супоришро қабул намояд, ӯ ӯҳдадор аст созишномаро бекор намояд. Дар ҳолате, ки адвокат дар хусуси имконнопазир будани иҷорои супориш ва бекор намудани созишнома ба қарор ояд, ӯ ӯҳдадор аст, аз рӯи имкон сари вақт ваколатдиҳандаро оиди ин огоҳ намояд, ки то охирин тавонад ба дигар адвокат мурочиат намояд.

**Моддаи 11. Манъкуниҳо дар фаъолияти касбӣ**

1. Адвокат ҳуқуқ надорад:

- хилофи манфиатҳои ваколатдиҳанда амал намуда ба ӯ ёрии ҳуқуқӣ расонад, фикри манфиат дидани худ ва манфиатҳои бадахлоқонаро ба роҳбарӣ гирад ё ин, ки дар зери фишор аз берун қарор дошта бошад;
- бо парванда мавқеъеро ишғол намояд, ки хилофи манфиатҳои ваколатдиҳанда бошад ва зидди хоҳиши ӯ амал намояд, ба истиснои ҳолате, ки адвокат дар мавҷуд будани худайборкунии зерҳимояи худ, боварӣ дорад;
- ба тариқи оммавӣ дар бораи исботшуда эълон намудани гуноҳи зерҳимояаш изҳорот диҳад, агар зерҳимояаш онро рад намояд;
- маълумотҳои ба ӯ додаи ваколатдиҳандаро, ки ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ алоқаманд аст, бе розигии ин шахс фош намояд;
- супоришро барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба миқдоре қабул намояд, ки бараъло зиёд аст, назар бо оне ки адвокат имконияти иҷро намудани онро дорад;
- ёрии худро ба ашхос маҷбуран бор созад ва онҳоро ба сифати ваколатдиҳанда ба воситаи робитаҳои шахсӣ бо кормандони мақомоти судӣ ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ба роҳи ваъда додани бомуваффақият ҳал намудани парванда ва бо дигар тарзҳои нораво, ҷалб созад;
- дар ҷараёни тафтишоти парванда ба изҳороте роҳ диҳад, ки ба паст задани шаън ва қадру қиммати дигар иштирокчиёни мурофиа равона шудааст, ҳатто дар сурати рафтори

беадабона нишон додани онҳо;

- ба кадом тарзе, ки набошад ба манфиати шахсӣ, моликият ва ҳуқуқҳои амволиеро, ки предмети баҳс мебошад ва дар он адвокат ҳамчун шахси ёрии ҳуқуқӣ расонанда иштирок менамояд, ба даст орад;
- ба шахси барои ёрии ҳуқуқӣ муроҷиаткунанда ва ё ваколатдиҳанда ваъдаи бо натиҷаи мусбат иҷро намудани супоришро диҳад, ки метавонад бевосита ва ё бавосита аз он шаҳодат диҳад, ки адвокат барои ноил гаштан ба ин мақсад нияти истифодаи дигар воситаҳоро дорад, ба ғайр аз бовиҷдонона иҷро намудани ӯҳдадориҳои худ;
- супоришеро қабул намояд, ки иҷро намудани он монеаи дигар супориши барвақттар қабулнамуда шавад;
- пешбурди парвандаеро анҷом диҳад, ки мувофиқ ба ваколатҳои касбии ӯ нест;
- аз иштирок дар пешбурди парванда даст кашад, агар ваколатдиҳанда бе зарар ба худ наметавонад дигар адвокатро дарёфт намояд;
- худро дар ҳолати вобастагии қарзӣ дар назди ваколатдиҳанда гузорад;
- муносибати беодобонаро бо ваколатдиҳанда раво бинад.

**Моддаи 12. Бархурди манфиатҳо**

1. Адвокат ҳуқуқ надорад машваратчӣ, ҳимоятгар ва ё намояндаи якчанд тараф дар як парванда, ки манфиатҳои онҳо хилофи якдигаранд бошад, супоришро қабул намуда бошад, аз қабул намудани ӯҳдадории расонидани ёрии ҳуқуқӣ ё иҷрои минбаъдаи он даст кашад.
2. Адвокат дар хусуси имконнопазир будани иҷрои супориш ба қарор омада ӯҳдадор аст, аз рӯи имкон сари вақт ваколатдиҳандаро оиди ин огоҳ намояд, ки то охирин тавонад ба дигар адвокат муроҷиат намояд.
3. Агар дар натиҷаи ҳолатҳои мушаххас зарурияти расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба ашхос доир ба манфиатҳои гуногун пайдо шавад, инчунин зимни имконпазирии бархурди манфиатҳо, адвокатҳое, ки ёрии ҳуқуқиро якҷоя дар асоси шартномаи шарикӣ мерасонанд, ӯҳдоранд розигии ҳамаи тарафҳои муносибати баҳсӣ доштаро, дар рафти иҷрои супориш гирифта ва имконияти баробарӣ ҳимояи ҳуқуқии ин манфиатҳоро таъмин намоянд.

**Моддаи 13. Хусусияти қабул ва иҷро намудани супориш аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ**

1. Ғайр аз ҳолатҳое, ки бо Қонуни ҶТ "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ" пешбинӣ шудааст, адвокат ҳуқуқ надорад барои амалӣ намудани ҳимоя бо як парвандаи ҷиноятӣ аз ду ва зиёда ашхос супориш қабул намояд, агар:
   - манфиатҳои яке аз онҳо хилофи манфиати дигаре бошад;
   - манфиатҳои яке хилофи манфиати дигаре нест, аммо ин шахсон бо ҳамон як лаҳзаҳои парванда мавқеъҳои гуногунро ишғол намудаанд;
   - амалӣ намудани ҳимояи шахсӣ ба балоғат расида ва ба балоғат нарасида дар як вақт зарур бошад.
2. Адвокат аз рӯи таъинот ё ин, ки созишнома супориши расонидани ёрии ҳуқуқиро бо парвандаи ҷиноятӣ қабул намуда, ҳуқуқ надорад ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, аз ҳимоя даст кашад ва вазифадор аст ӯҳдадориҳои ҳимоятгарро иҷро намуда, аз

ҷумла зимни зарурият, тайёр намудан ва пешниҳод кардани шикояти кассатсиониро аз болои ҳукми судӣ ба зерҳимояи худ, таъмин намояд.

3. Адвокат супоришро ҷиҳати ҳимоя дар марҳиллаи тафтишоти пешакӣ бо тартиби таъинот қабул намуда, ҳуқуқ надорад бе сабабҳои ӯзрнок аз ҳимоя дар суди марҳиллаи аввал даст кашад.
4. Адвокат ҳуқуқ надорад бе зарурият ҳолати дигар судшавандаҳоро бад намояд. Ҳар гуна амали адвокат, ки муқобили дигар судшавандаҳо равона шудааст ва манфиати онҳо хилофи манфиати зерҳимояаш мебошад, ин амал метавонад танҳо он вақт дуруст шуморида шавад, ки бе мавҷудияти ин дар ҳаҷми пурра ҳимояи ваколатдиҳандаи ӯ амалӣ намешавад.
5. Адвокат ӯҳдадор аст аз болои ҳукм дар ҳолатҳои зерин шикоят пешниҳод намояд:
   - агар суд ҷазои номувофиқ таъин намояд ё ин, ки зерҳимояро нисбат ба ҳолатҳои муқарраршудаи парванда, дар ҷинояти вазнинтаре гунаҳгор эътироф намояд;
   - ҳангоми мавҷуд будани дигар асосҳо ҷиҳати бекор ё ин, ки тағйир додани ҳукми судӣ, ки он барои зерҳимояаш мусоид аст.

**Моддаи 14. Подоши хизмати адвокат**

1. Адвокат барои гирифтани подоши хизмат (гонорар) барои кори иҷронамуда, ҳамчунин ба ҷуброни хароҷоти суратгирифта аз ҷониби ӯ, ҳуқуқ дорад.
2. Подоши хизмати адвокат бо созишномаи тарафҳо муайян шуда, метавонад, ҳаҷм ва мураккабии кор, давомнокии вақтеро, ки барои иҷро намудани он зарур аст, маҳорат ва тахассуси адвокат, мӯҳлат, дараҷаи фаврӣ будани иҷроиши кор ва дигар ҳолатҳоро ба ҳисоб гирад.
3. Ба адвокат тақсим намудани подоши хизмат, хусусан дар шакли зоҳиран тақсим намудани ӯҳдадориҳо бо ашхосе, ки адвокат нест, манъ аст.
4. Ба адвокат, аз ваколатдиҳанда қабул намудани ягон намуди амвол, ҷиҳати таъмин намудани созишнома оиди подоши хизмати адвокат, ба истиснои маблағи пулии ба хазинаи ташкилоти адвокатӣ ба сифати пешпардохт воридшуда, манъ аст.
5. Адвокатро зарур аст аз бастани созишнома оид ба подоши хизмати адвокат (гонорар), ки зимнан пардохти подошпулӣ вобаста ба анҷом расидани парванда ба манфиати ваколатдиҳанда гузошта мешавад, худдорӣ намояд.
6. Адвокат аз рӯи салоҳдиди худ ҳуқуқ дорад аз дигар адвокат ва ё аз дигар ашхос подошпулӣ, комиссионӣ ё ин, ки дигар мукофотро барои додани тавсия ва ё кумак дар ҷустҷӯи ваколатдиҳанда, талаб намояд.
7. Дар ҳолате агар дар ҷараёни расонидани ёрии ҳуқуқӣ адвокатҳо супориши ваколатдиҳандаро бо фармоиш ва воситаҳои пулии ваколатдиҳанда (минбаъд-воситаҳои ваколатдиҳанда), қабул намоянд, адвокатҳо ӯҳдадоранд қоидаҳои зеринро риоя намоянд:
   - воситаҳои ваколатдиҳанда бояд доимо дар суратҳисоби бонкӣ ё ин, ки дар дигар ташкилот (аз ҷумла дар назди иштирокчиёни касбии бозори қоғазҳои қимматнок), нигоҳ дошта шавад, ки ин амалӣ намудани назоратро аз ҷониби мақомотҳои ҳокимият

нисбат ба амалиётҳои гузаронидашаванда имконият медиҳад, ба истисноӣ ҳолатҳои мавҷудияти супориши мустақиман ва ё бавоситаи ваколатдиҳанда дар хусуси истифода намудани воситаҳо бо ягон тарзи дигар;

- вобаста ба ҳар як амалиёти бо воситаҳои вакоалтдиҳанда, анҷомдодамешуда, дар ҳуҷҷатҳои

марбут ба он, оиди содир кардани амалиёти мазкур бо супориши ваколатдиҳанда маълумот нишон дода шавад;

- пардохт ба касе, ки набошад аз воситаҳои ваколатдиҳанда, аз ном ва ё ба манфиати ӯ амалишаванда, бояд танҳо зимни мавҷудияти супориши бевосита ва бавоситаи ваколатдиҳанда, ки ба таври хаттӣ баён карда шудааст, ба роҳ монда шавад;
- адвокат бо тартиби истеҳсолоти адвокатӣ ӯҳдадор аст, ҳисоботи ҳуҷҷатҳои молиявиро дар хусуси иҷро намудани супориш зимни гузаронидани амалиёт бо воситаҳои ваколатдиҳанда пеш барад, ки бояд ба ваколатдиханда бо талаби ӯ пешниҳод карда шавад.

## БОБИ 4. МУНОСИБАТ БО СУД

### Моддаи 15. Қоидаҳои рафтор дар истеҳсолоти судӣ

1. Дар истеҳсолоти судӣ ва истеҳсолот оид ба парвандаҳои маъмурӣ иштирок намуда, адвокат ӯҳдадор аст меъёрҳои қонунгузории мурофиавии дахлдорро риоя намуда, ба суд ва дигар иштирокчиёни мурофиа эҳтиром гузошта, ба риоя шудани қонун нисбати ваколатдиҳандааш назорат бурда ва дар ҳолати вайрон шудани ҳуқуқҳои охирин оиди бартараф намуданашон дархост намояд.
2. Адвокат ҳуқуқ дорад хилофи амалҳои иштирокчиёни қоида ва чорабиниҳои мурофиавӣ, аз ҷумла суд, бо тарзи боодобона эрод баён кунад, ба шарте, ки ин амалҳо меъёрҳои қонунгузориро вайрон нанамоянд.
3. Дар сурати бо сабабҳои ӯзрнок ғайриимкон будани ҳозир шудан дар вақти таъиншуда ҷиҳати иштирок дар мурофиаи судӣ ва ё амали мурофиавӣ, ҳамчунин дар ҳолати мақсади пешниҳоди дархости таъин намудани дигар вақтро барои гузаронидани ин амалҳо доштан, адвокат ӯҳдадор аст сари вақт суд ва ё муфаттишро оиди ин огоҳ намуда, ҳамчунин доир ба ин дигар адвокатҳоро, ки дар чорабиниҳои мурофиавӣ иштирок менамоянд маълум намуда, бо онҳо доир ба вақти гузаронидани амали мурофиавӣ ба мувофиқа расад.
4. Адвокат набояд ба суд маълумоти бараъло нодуруст ва ё бардуруғро пешниҳод намояд.
5. Адвокат ҳуқуқ дорад бо ҳарифи мурофиавии ваколатдиҳандаи худ, ки ӯро дигар адвокат намояндагӣ менамояд, танҳо бо розигӣ ва ё дар ҳузури охирин сӯҳбат намояд.

## БОБИ 5. МУНОСИБАТ БО АДВОКАТҲО

### Моддаи 16. Муносибат бо адвокатҳо

1. Адвокат муносибати худро бо дигар адвокатҳо дар асоси эҳтироми мутақобила ва бо риоя намудани ҳуқуқҳои касбии онҳо ба роҳ мемонад.
2. Адвокат ҳуқуқ надорад:

- изҳоротеро истифода барад, ки боиси паст задани шаъну шараф, қадру қиммат ва обу рӯи кории дигар адвокат, ки ба амалӣ намудани фаъолияти адвокатӣ аз ҷониби ӯ вобастааст, гардад;
- дар сӯҳбат бо ашхосе, ки ба ӯ барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ муроҷиат намудаанд ё бо ваколатдиҳанда изҳоротеро истифода барад, ки дигар адвокатро паст занад, ҳамчунин дурустии амалҳо ва маслиҳатҳои адвокатро, ки қаблан ба ин ашхос ёрии ҳуқуқӣ расонидааст танқид намояд;
- бо ашхосе, ки барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ муроҷиат намудаанд ё бо ваколатдиҳанда асоснокии подоши хизматӣ (гонорарӣ) гирифтаи дигар адвокатро, муҳокима намояд;

3. Адвокат ҳуқуқ надорад шахси ба ташкилоти адвокатӣ омадаро бо дигар адвокат барои барасмият даровардани созишнома оиди расонидани ёрии ҳуқуқӣ миёни худашон ва ин шахс моил созад.
4. Адвокат ӯҳдадор аст оиди қабул намудани супориш барои пешбурди парванда муқобили дигар адвокат бинобар фаъолияти касбии охирон, ӯро огоҳ намояд.
5. Агар адвокат супоришро барои намояндагии ваколатдиҳанда, ки дар баҳс бо дигар адвокат қарор дорад қабул намояд, ӯ ӯҳдадор аст дар ин хусус ба ҳамкасби худ хабар расонад ва бо риоя намудани манфиатҳои ваколатдиҳанда пешниҳоди ба тариқи созиш хотима додани баҳсро намояд.
6. Муносибатмиёниадвокатҳонабоядбахусусиятиҳимояи манфиатҳои шахсони дар парванда иштирокдошта таъсир расонад. Адвокат ҳуқуқ надорад аз манфиатҳои ваколатдиҳанда на бо хотири муносибатҳои дӯстӣ, на ба хотири дигар муносибатҳо, даст кашад.
7. Адвокатӯҳдадораст,қарорҳоимақомотиидоракунандаи Иттифоқи адвокатҳоро, ки дар доираи ваколатҳояшон қабул шудааст, иҷро намояд.
8. Адвокат ӯҳдадор аст дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ, дар расонидани ёрии ҳуқуқӣ аз ҳисоби давлат иштирок намояд.
9. Адвокат-роҳбари ташкилоти адвокатӣ ӯҳдадор аст барои аз ҷониби адвокатҳо муносиб иҷро намудани ӯҳдадориҳои касбӣ ҷиҳати иштирок дар расонидани ёрии ҳуқуқӣ аз ҳисоби давлат, ҳамчунин оиди ҷудо кардани маблағ барои эҳтиёҷоти мақомоти идоракунандаи Иттифоки адвокатҳо ва иҷро намудани дигар қарорҳои Иттифоқи адвокатҳо, ки дар доираи ваколатҳои он қабул гардидааст, чораҳо андешад.

**Моддаи 17. Иваз намудани адвокат**

1. Адвокат супориши пешбурди парвандаеро қабул
намуда бошад, ки то ин лаҳза дигар адвокат пеш мебурд, вазифадор аст ин адвокатро оиди қабул намудани супориш хабар дода, ба иҷро намудани ӯҳдадориҳои касбӣ шурӯъ намояд.
2. Адвокати ба парванда роҳ ёфта барои пардохт нашудани подоши хизмат ва ҷуброни дигар адвокат, ҷавобгар нест.

**Моддаи 18. Мукотибаи байниҳамдигарии адвокатҳо**

1. Агар адвокат ягон намуди муроҷиатро ба дигар адвокат ирсол намуда, хоҳад, ки

махфияти онро нигоҳ дорад ва ё мақсади бартараф намудани зарари расонашавандаро дошта бошад, ӯро зарур аст, ба таври ошкоро оиди чунин мақсад дар мӯҳтавои муроҷиаташ баён намояд.

2. Агар гирандаи муроҷиат қобилияти таъмин кардани махфият ва ё зарар нарасиданро надошта бошад, ӯро зарур аст ба фиристонандаи муроҷиат бо замимаҳояш ҳуҷҷатҳоро ирсол намуда, мӯҳтавои онҳоро ба дигар ашхос накушояд.

**Моддаи 19. Ҷавобгарии интизомӣ**

1. Аз ҷониби адвокат вайрон намудани талаботи Қонун "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ" ва Кодекси мазкур, ки қасдан ва ё аз беэҳтиётӣ содир шудааст, боиси татбиқ намудани ҷавобгарии интизомии пешбининамудаи Оинномаи Иттифоқи адвокатҳо ва Кодекси мазкур мегардад.

2. Амал (беамалии) адвокат, ки зоҳиран аломати вайрон кардани талаботи Қонун "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ", Оинномаи Иттифоқи адвокатҳо ва Кодекси мазкур, ки дар банди 1-и моддаи мазкур (минбаъд - вайронкунӣ) нишондодашударо дар бар гираду, вале бинобар камаҳмиятиаш ба шаъну шараф ва қадру қиммати адвокат иснод наорад, нуфузи адвокатураро паст назанад ва ба манфиатҳои ваколатдиҳанда ва ё Иттифоқи адвокатҳо зарари ҷиддӣ нарасонад, наметавонад боиси татбиқ намудани чораҳои ҷавобгарии интизомӣ гардад.
3. Чораҳои ҷавобгарии интизомӣ танҳо дар доираи истеҳсолоти интизомӣ дар асоси тартиби пешбининамудаи Оиннома, Низомнома "Дар бораи комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо" ва Низомномаи Комиссияи интизомии мақомотҳои минтақавии Иттифоқи адвокатҳо, татбиқ карда мешавад.

## БОБИ 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 20. Мавриди амал қарор додан**

Кодекси мазкур аз рӯзи қабули он дар Анҷумани Иттифоқи Адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор дода мешавад.